# Ҳар кас содиқона шаҳодатро аз Худованд талаб кунад, Худованд ӯро ба мақомҳои шаҳидон мерасонад, ҳатто агар дар бистари худ вафот кунад

Аз Саҳл ибни Ҳунайф (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Ҳар кас содиқона шаҳодатро аз Худованд талаб кунад, Худованд ӯро ба мақомҳои шаҳидон мерасонад, ҳатто агар дар бистари худ вафот кунад."
[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар медиҳад, ки ҳар касе шаҳодат ва кушта шудан дар роҳи Худоро талаб кунад ва дар нияташ содиқ ва мухлис бошад, Худованд ба ӯ дараҷаҳои шаҳидонро медиҳад, ҳатто агар дар бистар ва берун аз майдони ҷиҳод бимирад.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/3157